Детск
46766

# ДАҲ ШЕЪРИ ТИЛЛОӢ



ГУЛНАЗАР

# СУРУДИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



Диёри арҷманди мо!
Ба бахти мо сари азизи ту
баланд бод!
Саодати ту, давлати ту
бегазанд бод!
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем,
кашидаем!
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо
нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони
ҷовидонаӣ!
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад, канори ту,
канори ту!
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои
хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму
ҷони мо!
Зи ту, саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост!
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

## ДАҲ ШЕЪРИ БЕҲТАРИНИ САД СОЛИ АДАБИЁТИ КӮДАКОН

*(зери таҳрир ва назари Шоири Халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб)*



# ДАҲ ШЕЪРИ ТИЛЛОЙ

ТҶБ «ИСТИҚБОЛ»
Душанбе-2019

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ"-И ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Детск
46766 891.550-93



АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

# ГУРБА АМАКҶОНАТ НЕСТ!

Як гурба, хеле маккор,
Хобида рӯи девор.

Чӯҷагунҷишке ҷик-ҷик,
Шодон меояд наздик.

Чӯҷа, наё, як сӯ ист,
Гурба амакҷонат нест!

001003773
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

## БАРРАЧАИ МАН

О, баррачеки масти ман,
Биё давон дукур-дукур.
Ҷаву алаф ба дасти ман,
Биёву хур кумур-кумур.
Наёӣ, медиҳам ба гов,
Ки мехӯрад фашар-фушур.
Агар ба об ташнаӣ,
Ба ҷӯй рав тапар-тупур.
Шикамчаат, ки сер шуд,
Ба рақс о гусур-гусур.
Ба кишту гул даҳан занӣ
Бузак барин шатар-шутур,
Шунида мон, ки мезанам
Ба химчаҳо тасар-тусур!





ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

# МУРҒАК

Мурғаке буд сари дарахт,
Дарахти шамшод буд,
Хурраму шод буд.
Паракош зард буд,
Панҷаҳош нард буд.
Дар нӯлаш шоҳтут буд,
Ҳамчу ёқут буд.
Гурба рафт болои бом.
Боми носоз буд,
Думаш дароз буд,
Гӯшакош боло буд,
Чашмакош ало буд.
Оби даҳонаш мешорид,
Чанголаш мехорид.
Мурғак гуфт: –Ку-ку-ку!
Гурба гуфт: –Канӣ ту?!
Гурба даҳон боз кард,
Мурғак парвоз кард!



МИРСАИД МИРШАКАР

# МАН КАЛОН МЕШАВАМ!

Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам,
Бар диёри худам
Посбон мешавам.

Ҷисми ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман!

Ҳамчу гул дар чаман
Бишкуфад бахти ман.
Доимо дар дилам
Маҳкам аст ин сухан:

Ҷисми ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман!

ГУЛЧЕҲРА СУЛАЙМОНӢ

## БИБИҶОНАМ МЕОЯД!



Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Аз раҳи дур меояд,
Зӯри базӯр меояд.
Бибим ояд, мо хурсанд,
Кисаҳояш пури қанд.
Мавизу мағз меорад,
Чизҳои нағз меорад.
Гапҳои бибим ширин,
Қанд барин, асал барин.
Бибим кони афсона,
Бибиҷонам ягона!



Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Равам кӯрпача орам,
Болини пар гузорам.
Чояки гарм биёрам,
Нонаки нарм биёрам.
Бибиҷона шинонам,
Хафа шудан намонам

Бибиҷони хушрӯям,
Бибии қиссагӯям!







ҒАФФОР МИРЗО

## ХИРСАК

**Хирсак асалдуздӣ рафт,
Хирсака ору газид.
Вай дод гуфта мегурехт,
Харгӯшбача механдид.**





УБАЙДИ РАҶАБ

# МОДАРАМ

– Маро саҳар кӣ хезонд?
– Модарам!
– Кӣ сӯи оби ҷӯ хонд?
– Модарам!
– Кӣ куртаам бипӯшонд?
– Модарам!
– Кӣ чойи гарм нӯшонд?
– Модарам!
– Кӣ майда бофт мӯям?
– Модарам!
– Кӣ муччӣ кард рӯям?
– Модарам!
– Кӣ гул ба дасти ман дод?
– Модарам!
– Кӣ мактабам фиристод?
– Модарам!
– Маро кӣ гуфт қобил?
– Модарам!
– Кист ба ман ҷону дил?
– Модарам!

Детск 46766



ЮСУФҶОН АҲМАДЗОДА

## МӮРЧАЕ ДОНА ЁФТ

Мӯрчае дона ёфт,
Донаи дӯлона ёфт.
Шод шуду хона бурд,
Дона сари шона бурд.
– Модар! Ана, дона! – гуфт.
– Донаи дӯлона! – гуфт.
Хотири модар шукуфт,
Гарм бибӯсиду гуфт:
– Шукр калонак шудӣ!
Донакашонак шудӣ!

**ЛАТОФАТ**

# КӮЗАҚАНДӢ

**Каллача, ё саллача?**
**Саллача, ё каллача?**

**Кӣ соҳиби саллача?**
**Кӣ соҳиби каллача?**

**Соҳиби ин каллача,**
**Соҳиби ин саллача –**

**Дар пуштаву баландӣ,**
**Баҳору кӯзақандӣ!**



Нашриёт барои кумаки молиявӣ ҷиҳати нашри китоби мазкур ба Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) изҳори миннатдорӣ менамояд. Китоби мазкур ройгон ба муассисаҳои таълимӣ тавассути Лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» дастрас карда мешавад.

ЛАТОФАТ
«ДАҲ ШЕЪРИ ТИЛЛОЙ»

ш. Душанбе ТҶБ «Истиқбол», 2019, хиёбони Саъдии Шерозӣ-16
Тел: 238-55-72; 238-55-71; (918) 82-94-75 Website: www.istiqbol.org

**Мушовир:** Латофат
**Мураттиб ва муҳаррир:** Ҷӯра Ҳошимӣ
**Рассом:** Абдусалом Абдуллоев
**Ороишгар:** Комрон Рахмонзод
**Мусаҳҳеҳ:** Ганҷина Муллоҷонова

Ба чопаш 06.08.2019 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,0.
Адади нашр 10000 нусха.
Дар полиграфияи «Графика Принт» чоп шудааст.

**Китоб ройгон дастрас карда мешавад.**

001003773
Китобхонаи миллии Тоҷикистон